آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

1 феврали соли 2023
Чоршанбе
№ 9 (14917)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТӢ ТАРТИБИ НАВ ҶОРӢ МЕШАВАД

**Президент Шавкат Мирзиёев 31 январ оид ба масъалаҳои ҷорӣ намудани низоми нави нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳрҳои Тошканд, Нукус ва марказҳои вилоятҳо ҷамъомад баргузор намуд.**

Нақлиёти ҷамъиятӣ ин хидмати муҳими иҷтимоӣ мебошад, ки роҳро кӯтоҳ, пул ва вақти аҳолиро сарфа, сифати ҳаётро баланд мегардонад. Ҳар рӯз аз хидмати нақлиёти ҷамъиятӣ дар мамлакатамон беш аз 10 миллион нафар истифода менамоянд.

Дар Мурожиатномаи роҳбари давлат муайян карда шуда буд, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати мусофиркашонӣ дар соли 2023 2 ҳазор автобус харид карда мешавад. Аммо, таъкид кард Президент дар ҷамъомад, бидуни тағйир додани системаи ҷории кор дар идораҳои нақлиёт ва паркҳои автобус дар маҳалҳо хидматрасониро ба мардум бинобар дархости онҳо чи қадаре ки автобуси зиёд харид нагардад, таъмин намудан номумкин мегардад.

Дар тамоми минтақаҳо бино, мактаб, кӯдакистон, бемористонҳои нав ва дигар муассисаҳо сохта мешаванд. Аммо соҳаи нақлиёт ин суръати тағйиротро дарёфт карда наметавонад ва ба талаботи рушди имрӯза ҷавобгӯ нест.

Аз он ҷумла, дар баъзе марказҳои вилоятҳо нақшаи рушди нақлиёти ҷамъиятӣ таҳия нагаштааст. Автобусҳо дар вақтҳои серодамӣ равуо мекунанд, зеро ширкатҳои нақлиётӣ ба нақшаи рӯзона даромадашонро вобаста кардаанд. Вақтҳои дигар мусофирон дурудароз автобусро интизор мегарданд ё аз хидмати таксӣ истифода мекунанд.

Бинобар ин дар ҷамъомад пешниҳодот дар бобати беҳсозии сифати хидматрасонӣ аз ҳисоби тағйир додани тартиби кор дар маҳалҳо муҳокима гардиданд.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи таъин намудани нақшаи даромади рӯзона бекор карда мешавад. Маблағ барои мусофиркашҳо вобаста ба фосилае, ки автобус тай менамояд, аз қаноатмандии мусофирон аз сифати хидматрасонӣ ҷудо карда мешавад. Сифати хидматрасонӣ аз рӯи маҳакҳои мусоидӣ ва ҳолати санитарии автобусҳо, ба истгоҳ сари вақт расидани онҳо баҳо дода мешавад.

Соли ҷорӣ ин тартиб дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Андиҷон ва Урганҷ, аз соли оянда бошад дар дигар марказҳои вилоятҳо ва шаҳри Нукус ҷорӣ карда мешавад.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки нақлиёти ҷамъиятӣ барои аҳолӣ мусоид ва барои соҳибкорон ҷолиб бояд бошад.

Хатсайрҳои мавҷудаи автобусҳоро бо назардошти талаботи аҳолӣ таҷдиди назар бояд кард. Президент таъкид намуд, ки дар байни аҳолии маҳаллӣ пурсиш баргузор намуда, талаби онҳо бояд омӯхта шавад.

Бонизом нав кардани паркҳои нақлиёт низ нақши муҳим дорад. Дар ҷамъомад пешниҳодот оид ба рағбатноксозии ин ҷараён ба миён гузошта шуд.

Аз он ҷумла, нав будани автобусҳо ба сифати маҳаки асосӣ дар тендерҳои кушод оид ба хатсайрҳои нақлиёти ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Ҳар сол ҳангоми тартиб додани маблағе, ки ба мусофиркашҳо пардохта мешавад, дар он навсозии бист фоизи парки автобусҳо пешбинӣ мегардад. Ғайр аз ин ба соҳибкорон пардохти андоз барои арзиши изофа бинобар хариди автобусҳои нав ба муддати тӯлонӣ иҷозат дода мешавад. Барои хариди автобусҳо кредити имтиёзнок ба муддати то 10 сол пешниҳод мегардад. Таъмин намудани ҳаракати бемамониати нақлиёти ҷамъиятӣ дар роҳҳо масъалаи муҳим ба шумор меравад.

Дар шаҳри Тошканд барномаи афзудани иқтидори убури чорроҳаҳо аз ҳисоби ба вуҷуд овардани хати алоҳида барои автобусҳо дар 73 кӯчаи марказӣ таҳия хоҳад гардид. Ин суръати миёнаи ҳаракати автобусро ба 1,5 маротиба баланд намуда, дер монданро бартараф месозад.

Ба ҳокимони вилоятҳо супурда шуд, ки татбиқи барномаи манзилноки ҳаммонанди пойтахтро барои беҳсозии инфрасохтори нақлиёт тасдиқ намоянд ва ба он шурӯъ кунанд. Ба ногузирии пешбинӣ намудани таъмини бартаринокии нақлиёти ҷамъиятӣ дар роҳҳо ва чорроҳаҳо, ба вуҷуд овардани шароит барои мусофирон ва соҳибкорон дар истгоҳҳо ишора гардид.

**ЎзА.**

*Ҳукумати ҷумҳурӣ барои коҳиши камбизоатӣ дар байни аҳолӣ ва беҳтар кардани шароити зисти онҳо лоиҳаҳои гуногунеро роҳандозӣ мекунад. “Қадри инсон” унвони яке аз чунин тарҳҳо буда, бо нишондоди раҳбари давлат рӯи кор омадааст ва зимни он ба оилаҳои ниёзманд кумаки гуногун расонида мешаванд.*

## КОҲИШИ КАМБИЗОАТӢ ВА ЧОРАҲОИ МУАССИРИ ОН

Дар вилояти Қашқадарё низ дар ин самт корҳои шоёне иҷро мешаванд. Яке аз онҳо маросими тақдими дастгоҳҳои дӯзандагӣ аст, ки дар ин авохир ба амал омад. Зимни чорабинии густурдае ҳокимияти вилоят ба 217 нафар бонувон, ки дар рӯйихати “Дафтари оҳанин”, “Дафтари занон” ва “Дафтари ҷавонон” ҳастанд, дастгоҳҳои дарздӯзӣ тақдим намуд. Таъкид гардид, ки ин таҷҳизот дар маҷмӯъ наздик ба 1 миллиард сӯм арзиш дошта, ба занони хонашини оилаҳои ниёзманд пешбинӣ шуда буданд. Мақсад аз тақдими ин гуна дастгоҳҳо барҳам додани камбизоатӣ дар байни аҳолӣ ва билохира ривоҷ додани соҳибкории хурд дар оилаҳои камбизоат аст. Қобили зикр аст, ки қаблан дар моҳи январи соли ҷорӣ ба 500 нафар ниёзмандон таҷҳизоти гуногун тақдим шуда буд.

Муротҷон Азимов – ҳокими вилояти Қашқадарё дар чорабинӣ ширкат варзидаву зимни суханронӣ гуфт, ҳукумати ҷумҳурӣ чашмдор аст, ки оилаҳои ниёзманди вилоят бо дарёфти ин таҷҳизоти дӯзандагӣ дар хонаҳои худ машғули кор шуда, бояд мушкилоти рӯзгори худро сода созанд.

– Мо умедворем, ки дар байни бонувони мо дӯзандагони хуб зуҳур кардаву қадами нахустини онҳо ба соҳаи соҳибкории хурду бузург мешавад, – гуфт ҳокими вилоят. – Ҳукумати пайваста барои коҳиши фақр, беҳбуд бахшидани рӯзгори мардум кӯшиш мекунад ва дар ин самт чораҳои амалӣ меандешад. Мо бояд ба қадри ин кумакҳо бирасем ва ҳамсадои ҳукумат шудаву ба обод сохтани рӯзгори худ бештар часпу талош варзем.

Тибқи гузориши омори расмӣ дар натиҷаи роҳандозӣ шудани лоиҳаи “Фаъолияти маҳаллабайъ”, ки ҷузъи таркибии ислоҳоти иқтисодии ҳукумати кишвар аст, дар вилояти Қашқадарё соли 2022-ум 8000 нафар одамони бекор ба гирифтани субсид мушарраф гардиданд, ки ин маблағ ба 17 миллиард сӯм баробар аст. Инчунин ҳудуди 32 000 нафар аҳолӣ ба қарзҳои имтиёзнок фаро гирифта шуда ва ҳаҷми умумии он 765 миллиард сӯмро ташкил кардаанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**мухбири “Овози тоҷик”**
**дар вилояти Қашқадарё.**

## ҚИРҒИЗИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН БИНОБАР ТАМОМИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМ, КИ ТӮЛИ СОЛҲОИ ДАРОЗ ДАР БАЙНИ КИШВАРҲО ҲАЛЛУ ФАСЛ НАМЕШУДАНД, БА МУВОФИҚА РАСИДАНД

Дар ҷомеаи коршиносиву таҳлилии Қирғизистон натиҷаҳои сафари давлатии Президенти Ӯзбекистон ба Қирғизистон ҳамаҷониба тавзеҳ дода мешаванд.

**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Қирғизистон Алмазбек Актамалиев:**



– Бо супориши Президент Шавкат Мирзиёев ободсозии деҳкадаи «Манас» дар Ӯзбекистон, ки қисмати зиёди аҳолиаш қирғизҳо мебошанд, бори дигар сиёсати рӯшод ва ошкорои Ӯзбекистонро бобати таҳкими муносибатҳои бародаронаи некҳамсоягии байни кишварҳои мо намоиш дод.

Ҳамчунин барои ҳар ду мамлакат сафари Президенти мо Садир Ҷапаров ба Ӯзбекистон, ки соли 2021-ум ба вуқӯъ пайваст, пурмуҳтаво ва сермаҳсул буд.

Як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим дар самтҳои гуногун – аз энергетика то таълим ба имзо расиданд, ки шаҳодати қатъиян аз сухан ба амал гузаштан мебошанд. Инак дар муҳлати хеле кӯтоҳ Президенти Ӯзбекистон ҳам бо сафари давлатӣ ба Қирғизистон омад. Фикр мекунам, ин сафар барои шарикии стратегӣ ва дӯстӣ дар рӯҳи бародарӣ ҳамчун пойдевори мустаҳкам хидмат мекунад, ба таҳкими муносибатҳои тарафайни кишварҳои Осиёи Марказӣ такон мебахшад.

Дар сиёсат ғайр аз муоҳидаҳо ва ба имзо расидани ҳуҷҷатҳову шартномаҳо, самтҳои амалиёти қатъӣ, мушаххас ва мувофиқи мақсад низ нақши бузург мебозанд. Ба шарофати саъю кӯшиши президентҳои мо алҳол Қирғизистон ва Ӯзбекистон тавонистанд бинобар масъалаи аз ҳама муҳими байни кишварҳои мо – сарҳади давлатӣ ба мувофиқа расанд. Ҳамчунин муоҳида бобати лоиҳаи сохтмони муштараки НБО «Қамбар-Ота-1» аҳамияти зиёд дорад.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Дар хоҷагии фермерии «Водий туялари», ки дар деҳаи Заркенти ноҳияи Тошлоқи вилояти Фарғона ҷой гирифтааст, нуқтаи уштурпарварӣ ба роҳ гузошта шуд.*

*Назар ба таъкиди роҳбари хоҷагии фермерӣ О. Ҳомидов, дар сиҳатгоҳе, ки дар ин ҷо ташкил ёфтааст, беморон аз тамоми ҳудудҳоямон, айни замон аз Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон омада, бо истеъмоли шири уштур ба дардашон даво меёбанд. Дар аввал якто уштур мавҷуд бошад, ҳоло бештар аз сад уштур ин ҷо парвариш карда мешавад.*



## СИҲАТГОҲИ ЭКОТУРИСТӢ ДАР ҲУЗУРИ ХОҶАГИИ ФЕРМЕРӢ

***Дар сурат:** дар сиҳатгоҳи экотуристии хоҷагии фермерии «Водий туялари»-и ноҳияи Тошлоқ.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

## ЧИЛЛАОБДИҲӢ – БОИСИ ФАРОВОНИИ ҲОСИЛ

***Деҳқонони пуртаҷриба хуб медонанд: замини корам то аз чиллаоб сер нашавад, фароҳам овардани ҳосили фаровон мушкил аст. Мутаассифона, сардии аз одат беруни ҳаво, яхбандии рӯдҳо ба ҷараёни корҳои зимистонии зироатпарварон халал мерасонад. Бо вуҷуди ин дар вилояти Бухоро барои обшӯй намудани шӯри 227 ҳазору 606 гектар майдони киштукор чораю тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.***

Баробари ин дар 60 ҳазору 600 гектар ғаллазори вилоят баъди додани нурии минералию маҳаллӣ ҷараёни бо усули «шарбат» чиллаобдиҳӣ вусъат меёбад.

Пӯшида нест, ки 85,1 фоиз, ё ки 235,1 ҳазор гектар қитъаҳои зироатпарварии вилоятро ба сатҳи гуногун шӯр иҳота кардааст. Аз ин рӯ лозим аст, ки соле ду- се бор ин майдонҳо обшӯй карда шаванд. Аз тарафи дигар норасогии об барои деҳқонон мушкилӣ пеш овардааст. Бинобар ин мутасаддиёни соҳа баҳри бартараф кардани ин душворӣ чораҷӯӣ мекунанд. Роҳҳои ба восита дарёи Зарафшон аз обанбори «Каттақӯрғон»-и вилояти Самарқанд ба Бухоро овардани об андешида шуд. Бояд таъкид намуд, ки бо ин роҳ дар ҳар як сония 80 метри мукааб об ҷорӣ мегардад. Боиси хурсандист, ки нақша амалӣ гашта, оби «Каттақӯрғон» аллакай аз ҳудуди ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ гузашта, то шабакаҳои обёрикунии вилояти Бухоро расида омад. Дар натиҷа зироатпарварони ноҳияҳои Ғиҷдувон, Шофиркон, Пешкӯ, Рометан ва Вобканд аз «оби ҳаёт» баҳраманд мегарданд. Деҳқонон азму кӯшиш доранд, ки обшӯйкунии қитъаҳоро то охири даҳрӯзаи аввали моҳи феврал ба поён расонанд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

## МАҚСАДИ МО – БА ИСТЕҲСОЛОТ ҶОРӢ КАРДАНИ МАНБАЪҲОИ БАРҚАРОРШАВАНДА ВА МУҚОБИЛИ ЭНЕРГИЯ

***Зимистони имсола тамоми мушкилоту камбудиҳои низоми энергетикиро ошкор кард. Ин қонуни табиат аст: ҳар сол зимистон дарро мекӯбад.***

***Пас оё кафолате ҳаст, ки ин мушкилот дар соли оянда такрор нахоҳанд шуд? Барои ислоҳи камбудиҳо ба чӣ диққат додан лозим аст?***

***Мухбири ЎзА барои гирифтани ҷавоб ба ин ва дигар саволҳо бо директори Донишкадаи мушкилоти энергетикии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Ҳакимҷон Муратов ҳамсуҳбат шуд.***

**– Дар назди олимони донишкада кадом мақсаду вазифаҳои асосӣ гузошта шудаанд?**

– Муайян намудани дурнамои рушди соҳаи энергетика, таҳияи стратегияҳо, баланд бардоштани самаранокии энергия, татбиқи тарҳҳои каммасраф, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани манбаъҳои барқароршаванда ва муқобили энергия яке аз вазифаҳои асосии мост.

Илова бар ин, тайёр намудани олимону кадрҳои баландихтисоси илмӣ, рушди заминаҳои ҳамкориҳои энергетикӣ бо кишварҳои ҳамсоя, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, таъмини ҳамгироии дурусти захираҳои энергетикӣ аз вазифаҳои асосии донишкадаи мо мебошад.

Мо инчунин бо масъалаҳое машғул мешавем, ки бо кори соҳаи энергетика дар давраи вазъиятҳои фавқулода, татбиқи коркардҳо ба соҳаи истифодаи энергия алоқамананд.

**– Сармои ғайримуқаррарӣ ҳамаро ба парешонӣ овард. Оё ин ҳолатро ҳолати фавқулода номидан дуруст аст?**

– Сар задани сармои ғайримуқаррариро ҳолати фавқулода номидан комилан дуруст нест. Азбаски иқлими ҷумҳурии мо якбора континенталӣ аст, дар зимистон хунук шудани хаво раванди табиист. Мо шоҳиди ҳолатҳое ҳастем, ки ҳарорати ҳаво дар кишвари мо то 20 дараҷа паст шуд. Сабаби аслии мушкилоти марбут ба сармои ғайримуқаррарии имсола набудани муносибати ҷиддӣ ба фаъолияти бахши энергетика, суст будани омодагӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон гардид.

**– Дар бораи кори якҷоя бо Вазорати энергетика дар бобати тараққӣ додани соҳа нақл мекардед.**

– Мо пайваста оид ба масъалаҳои мубрами марбут ба истифодаи самараноки неруи барқ, идоракунии дурусти соҳа, инчунин ҳолат ва ҷойгиршавии неругоҳҳои офтобӣ ё шамолӣ пешниҳодҳо тақдим мекардем, вале ба онҳо ягон вокунише нашудааст. Энергетика бе илм тараққӣ карда наметавонад. Якҷоя бо гидрометеорологҳо сенарияи пешакӣ бояд навишта мешуд, ки зимистони имсоларо то андозае пешгӯӣ мекард. Агар мо барои дарёфти ҷавоб ба саволи дар сардиҳои сахт неругоҳҳо ва шабакаҳо чӣ тавр кор мекунанд, саъй менамудем, мушкилот ба қуллаҳои худ намерасид.

**– Аз сабаби мушкилот дар соҳаи энергетика бисёр роҳбарон аз кор озод карда шуданд. Мушкилоти асосии соҳа нарасидани кадрҳо аст ё чизи дигар?**

– Дар асоси қарори Президент вазорати энергетика ташкил карда шуд. Ҳуҷҷатҳои зарурие, ки ба рушди соҳа нигаронда шудааст, таҳия шуда, супоришоту дастурҳои дахлдор дода шудаанд. Мутаассифона, ба кор хунукназарона муносибат мекунанд. Агар Тошкандро мисол гирем, зерстансияҳои тақсимкунандае ҳастанд, ки шаҳрро бо қувваи барқ таъмин мекунанд, вале дар ягонтои онҳо дар фасли тобистон корҳои профилактикӣ гузаронда нашудааст. Ҳарчанд ин кори муқаррарӣ аст.

Шохаҳои дарахтони назди хатҳои кушоди интиқоли электр нашъунамо ёфта, ба симҳо ламс шудаанд, онҳоро дар вақташ бурида ва ҳамин тариқ ба зимистон тайёр шудан лозим мебуд. Ба ҷо оварда нашудани ин корҳо боиси беҳуда сарф шудани энергия гардид. Дар сармо хатҳои кушоди ҳавоӣ ба ҳам расида, расиши кӯтоҳи ноқилҳои барқро ба вуҷуд меоварданд, ки боиси оташгирии 80 зерстансия шудааст.

Ғайр аз ин, бисёр иқтидорҳои нав пайдо шуданд: танҳо соли гузашта 250 хонаи истиқоматӣ сохта шуд. Баробари сохтани мавзеъҳои нав ва ба вуҷуд омадани шумораи зиёди истеъмолкунандагон, сарборӣ ба иқтидорҳои мавҷуда зиёд шуд. Бояд ба шартҳои техникӣ риоя кард ва набояд дар ҳар ҷо бино сохт, вале калимаи «мумкин не» истифода нашуд. Дар натиҷа нормаҳои шаҳрсозӣ вайрон карда шуданд, афзоиши сарфи энергия дар биноҳои нав ва марказҳои савдоро касе ба назар намегирад.

Масъалаҳои тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳои звенои миёнаи энергетика аз назорат берун шуданд. Дар маҳалҳо бояд электромонтёрҳо ва газчиёни махсус тайёр кардашуда кор мекарданд. Дар звенои миёна ба масъалаҳои баланд бардоштани ихтисоси коркунон аҳмият дода нашуд. Ба мутахассисони соҳа маоши муносиб дода намешавад, шароити мувофиқ вуҷуд надорад.

**– Барои пешгирии ин мушкилот дар соли оянда чӣ пешниҳодҳо дода метавонед?**

– Имрӯз оқибати бемасъулиятии мо ба мо гарон афтод. Маълум шуд, ки чӣ бояд кард: мо бояд аз имрӯз ба зимистони оянда тайёрӣ бинем. Баъди ба қайд гирифтани таҷҳизоти мавҷуда дар бораи он фикр кардан лозим аст, ки барои дар соли оянда таъмин намудани кори бенуқсони он ба таври илова чӣ бояд кард.

**– Донишҷӯёни шумо дар болои кадом пажӯҳиши илмӣ кор мекунанд?**

– Дар шароити ҷумҳурии мо то 20 фоизи захираҳои энергияи истеҳсол ва истеъмолшударо сарфа кардан мумкин аст. Ин фоизи хеле калон аст. Агар дар мамлакати мо соле 60 миллиард киловатт-соат қувваи электр истеҳсол карда шавад, пас аз ҳисоби сарфа намудани 12 миллиард киловатт-соат қувваи электр чӣ қадар кор кардан мумкин аст? Донишҷӯён дар ин мавзӯъ таҳқиқот пеш мебаранд.

Дар корхонаҳое, ки қувваи барқро зиёд истеъмол мекунанд, оид ба пешомадҳои тараққиёти соҳа, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, насби неругоҳҳои шамол ва офтобӣ кори илмӣ-амалӣ бурда мешавад. Дар ин бора мақолаҳои илмӣ чоп карда мешаванд.

Суҳбаторо
**Нигора РАҲМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**



*Омодагӣ ба ҳар гуна инҷиқиҳои табиат, ба ноқулайии обу ҳаво нигоҳ накарда, дастрас гардондани «оташи сабз» вазифаи асосии вакилони соҳаи таъминоти газ мебошад.*

*Барои бо гази табиӣ таъмин кардани истеъмолгарони минтақаи озоди иқтисодии «Тирмиз» ва шаҳри Тирмиз корҳои сохтмонии нуқтаи гази фишораш баланд, ки 38,9 километр тӯл кашида, диаметраш 219 мм мебошад, бо суръат идома дорад.*

*Он ба АГРС-и «Қароқир», ки дар ҳудуди маҳаллаи Баҳори ноҳияи Ангор ҷойгир аст, пайваст мегардад. Ба лоиҳа техникаи махсус ҷалб гардидааст. Аз ҷониби филиали таъминоти гази «Ҳудудгаз Сурхондарё» ва ходимони идораи сохтмону монтажӣ устуворсозии қубурҳо дар масоҳати бештар аз 30 километр ба амал барварда шудааст.*

***Дар сурат:** лавҳа аз корҳои сохтмонии нуқтаи газ.*

***Суратгир: Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

**_Дар маркази ахбор-китобхонаи “Дониш”-и шаҳри Тошканд бо иштироки як қатор шоиру нависандагон, кормандони соҳаи маънавият ва маърифат, ҳамчунин китобдорҳо аз як қатор ноҳияҳои пойтахт таҳти мавзўи “Қурбониёни табъид – фидоиёни Ватан” анҷуман баргузор гардид._**

# АНҶУМАНИ КИТОБХОНҲО

Масъули корҳои маънавӣ-маърифатии ноҳияи Чилонзор Ҳилола Рустамҷонова оиди корҳое, ки ходимони МАК марбут ба тарғиби фаъолияти ҷадидӣ ва чорабиниҳои маънавие, ки бинобар равшании тоза андохтан ба фаъолияти адибони ба табъид дучоршуда пеш мебаранд, истода гузашт. Шоир Анвар Мирзо Қудратов бобати фаъолияти ҷадидҳо дар ибтидои асри бист ҳарф зад. Шеърҳои ба ҷадидон бахшидаашро хонд.

Маълум, ки яке аз нависандагони барҷаста Абдулло Қодирӣ низ дучори табъид шудааст. Набераи ў Шеркон Қодирӣ дар чорабинӣ ҳузур дошт. Вай дар бораи рўзҳои сахте, ки дар миёнаи солҳои сиюми асри сипаришуда ба сари хонадони онҳо афтод, нақл намуд. Нафақат бобоям,баробари ин “Рўзҳои гузашта” ва “Каждум аз меҳроб” барин асарҳояшон дучори шиканҷа шуданд, онҳое ҳам, ки ин китобҳоро дар худ нигоҳ медоштанд, таъқиб гаштанд,гуфт вай.

Узви Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон Даврон Раҷаб дар навбати худ силсилашеърҳояш “Қодириномa”-ро ба эътибори иштирокдорони конфронс расонд.

**Шоҳсанам ЎСАНОВА.**

# ТАЛАБОТИ ҶАҲОНИ МУОСИР – ТАРАННУМИ ДЎСТӢ ВА ҲАМГАРОӢ

**_Дар раванди ҷаҳонишавии нав, бархурди тамаддунҳо ва асри иттилоот васоити ахбори оммаи электронӣ, аз қабили телевизион, радио, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мақом ва манзалати хосаеро дар тарғиби дўстиву рафоқат, иттиҳоду ҳамбастагӣ, мубориза бо иллатҳои гуногуни ҷомеа ишғол менамоянд. Барои ҳар як давлату миллат таъмини суботи сиёсӣ вазифаи аввалиндараҷа шумурда мешавад. Чунки таъмини амнияти иттилоотӣ, бехатарии ҷомеа кафили боэътимоди рушди ҳар мамлакат ва тамоми соҳаҳои он мебошад._**

Дар кишвари мо низ аз тарафи роҳбари он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши ВАО ҳамеша басо муҳим арзёбӣ мегардад ва таъкид мешавад, ки дар замони муосир ҷиҳати сари вақт ба аҳолӣ расонидани иттилоот дар баробари матбуоти чопӣ, воситаҳои ахбори оммаи электронӣ – шабакаҳои телевизион, радио ва интернет саҳми бузург мегузоранд. Пешрафти рўзафзуни технологияи иттилоотиву коммуникатсионӣ ва таҷрибаи ҷаҳони имрўза баёнгари он аст, ки истифодаи самараноки воситаҳои электронии ахбор на танҳо боиси пурра гардидани фазои иттилоотист, балки бо истифода аз он амнияти иттилоотии кишвар низ таъмин карда хоҳад шуд.

Ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеаи насли нав аст. Барои ҳамин фаромўш набояд кард, ки дар солҳои касби истиқлол фазои иттилоотӣ ба равандҳои ҷаҳонишавии он мутобиқ гардида, дигаргуниҳои тозаеро дар барномаҳои шабакаҳои телевизионӣ рўи кор оварданд. Ба таври мисол, имрўз барномаҳои шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон аз тариқи моҳвора дар фазои иттилоотии ҷаҳон пахш мешаванд ва имкони тамошои он дар саросари олам имконпазир аст. Аз нуқтаи назари мазмуну муҳтаво низ барномаҳо мавқеи хосаро касб кардаанд.

Намунаи ин гуфтаҳоро метавон аз тариқи мисол дар барномаи таҳлилию сиёсии “Тоҷикистон ва ҷаҳон” мушоҳида намуд, ки тайи 11 сол ҳар ҳафта дар шабакаи телевизионии “Тоҷикистон” пахш мегардад. Муаллифон кўшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳар барномаи он қобили тамошо қарор гирад. Барои ҳамин аллакай дар саросари ҷумҳуриамон ва хориҷ аз он тамошобин ва мухлиси худро ин барнома пайдо кардааст.

Оре, пахши чунин барнома дар фазои иттилооти кишвар ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотӣ ва тарғиби ғояҳои миллӣ басо муҳим мебошад. Барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» кишвари моро ба ҷаҳону ҷаҳонро ба мо мепайвандад. Ногуфта намонад, ки муҳтавои барномаи мазкур фарогири ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти обу иқлим, пешгирии терроризму ифротгароӣ, тарғиби сулҳу дўстӣ дар байни кишварҳои минтақа ва саросари ҷаҳон, инсондўстӣ, ташвиқи ғояҳои миллӣ, таҳлили вазъи сиёсии ҷаҳон ва Тоҷикистон мебошад.

Ҳадаф, мазмуну мундариҷа, муҳтавои барномаи таҳлилию сиёсии “Тоҷикистон ва ҷаҳон” ҳамзамон тарғиби инсоният ва ифшои қудрати фитрии инсонҳо барои таъмини зиндагӣ ва таомули дўстиву бародарӣ дар саросари сайёра, новобаста аз нажоду забон, фарҳангу тамаддун, эътиқоду бовар ва ҷуғрофиёву макон мебошад. Дарвоқеъ, амалан дунё дар партави ҷаҳонишавӣ ба як деҳкадаи бемарзу бум табдил ёфтааст, ҳатто марзҳои сиёсии давлатҳо дигар чандон аҳамият надоранд. Ин гуна намунаҳоро дар мисоли Иттиҳоди Аврупо дидан мумкин аст. Ба таъбири дигар, инсоният амалан нишон медиҳад, ки мешавад канори ҳам, бемухолифату зиддиятҳое зиндагӣ кард. Аз равзанаи дигар, кишварҳоеро метавон мисол овард, ки мекўшанд дар мамолики ҷаҳони сеюм ё дар ҳоли рушд тафриқаву низоъ дар қолаби ифротгароию терроризм ва ё муноқишаҳои марзиро ба вуҷуд оранд.

Аз муҳтавои ВАО-и ҷаҳонӣ бозтоби чунин бархурдҳои дугонаи сиёсатҳо ва таҳлили жарфи коҳиши ҳисси башардўстӣ миёни тасмимгирандагони боиқтидори ҷаҳон қариб дида намешавад. Лозим ба ёдоварист, ки васоити ахбори омма метавонад вазъияти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, идеологию равонии ҷомеаву давлатро ба эътидол оварад, ё баръакси он, вазъиятро ба ташанну҄ рў ба рў созад.

Доираи мавзўъгирии барномаи таҳлилию сиёсии “Тоҷикистон ва ҷаҳон”-и шабакаи телевизионии “Тоҷикистон” фарох буда, дар фазои иттилоотӣ матолиби беғаразонаро инъикос менамояд, ки ба манфиати ҷомеаи башарист. Дигар аз махсусиятҳои ин барнома ба тарғиби сиёсати дохилию хориҷӣ, пешгирӣ аз ифротгароӣ, даъват ба иттиҳоду ҳамдилӣ, боло бурдани эҳсоси худшиносӣ дар амалу андешаи ҷавонон ва ташвиқи аудитория ба ҷаҳоншиносӣ, тақвияти ҷаҳонбинии илмӣ нигаронида шудааст. Аз назари журналистикаи муосир бо чунин дидгоҳ ворид шудан ба кори рўзноманигорӣ падидаи нав буда, дар он омезиши журналистика бо фалсафаю сиёсат намудор мешавад. Вале дар ин роҳ то куҷо муваффақ будану таъсир гузоштан ба ҷомеа нуктаи муҳим мебошад.

Кори рўзноманигор бояд ҳамеша шаффоф ва холисона бошад. Натиҷаи фаъолияти эҷодии рўзноманигорро бинандаю шунаванда баҳо медиҳад. Ҳамин аст, ки ин барнома ҷойгоҳ, мақом ва аҳамияти худро дар аудиторияи ҳамагонӣ пайдо кардааст ва ҳатто чандин рисолаи хурди илмӣ доир ба муҳтавои он аз тарафи муҳаққиқони ҷавони шохаҳои сиёсатшиносӣ, фалсафа, журналистика, сотсиология ва ғайра таълиф гардидаанд.

Ҷанбаи дигари барнома, ки аз назари мо аҳамияти қобили мулоҳиза мебошад, хушбин будан ба оянда, мавқеи устувори шаҳрвандию касбӣ ва огоҳона амал кардан барои рушду пешрафт аст. Дар нашрҳои он рушду пешрафти ватани мо инъикос мешавад, инчунин воқеаҳои байналмилалӣ таҳлил мегарданд.

Ҳамзамон намунаҳо ва бахшҳои зиёди барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» маҳз ба масъалаҳои экологияи Тоҷикистон, минтақаҳои сайёҳиву ҷаҳонгардӣ, муаррифии фарҳангу тамаддун ва ҷуғрофияи Тоҷикистон бахшида шудаанд. Гузашта аз ин, аз сайёҳон даъват мешавад, ки ба Тоҷикистон ва кишварҳои дуру наздики он, аз ҷумла, Ўзбекистони ҳамҷавор омадаву табиати зебову мафтункор, чашмасорони он, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, тарзи зиндагии мардуми гуногунмиллат ва амсоли онро бо чашмони сар бубинанд.

Дар барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» манзараҳои ҷаззоби Амрико, Русия, Қувайт, Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб, Малайзия, Арабистони Саудӣ, Куриёи Ҷанубӣ, Ҷопон, Туркия, Қазоқистон ва ғайра низ манзури тамошобинон карда мешавад.

Вазъи ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки шумораи чунин барномаҳо дар шабакаҳои телевизионӣ рў ба афзоиш оварда, фазои иттилоотиро беш аз пеш такмил бахшанд.

**Сорбон АМАКОВ,**
**устоди ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.**

# ҚИРҒИЗИСТОН ВА ЎЗБЕКИСТОН БИНОБАР ТАМОМИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМ, КИ ТЎЛИ СОЛҲОИ ДАРОЗ ДАР БАЙНИ КИШВАРҲО ҲАЛЛУ ФАСЛ НАМЕШУДАНД, БА МУВОФИҚА РАСИДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ҳамин тариқ, ҳоло Қирғизистон ва Ўзбекистон нисбати тамоми масъалаҳои мураккабтарине, ки тўли солҳои дароз дар байни мамлакатҳо ҳаллу фасл намешуданд, ба муоҳида расиданд. Муътақидам, ки ҷонибҳо зуд ба амалан татбиқ намудани тамоми муоҳидаҳои имзошуда оғоз мекунанд. Инро кайфияти қатъиву дўстонаи сарони ҳар ду давлат собит менамояд.

**Сиёсатшиноси Қирғизистон Марс САРИЕВ:**



– Сафари давлатии Президент Шавкат Мирзиёев ба Қирғизистон, бидуни муболиға, воқеаи муҳимтарин гардид. Осиёи Марказӣ бар хилофи таъкиду кўшиши баъзе қувваҳои берунӣ, ки мехостанд кишварҳоро аз ҳам ҷудо кунанд, ба минтақаи ягона табдил меёбад. Сарони Қирғизистон ва Ўзбекистон дар алоқаи комил бо ҳамкори қазоқистонии худ соҳати умумиро, ки он барои халқҳои мо хубу бехатар хоҳад буд, таъкид менамоянд. Ин кор идома дорад ва пешравиаш назаррас аст.

Бигирем, муоҳида дар бораи сохтмони НБО «Қамбарота-1»-ро. Равшан аст, ки роҳбарони мамлакатҳо мушкилоти энергетикиро муштаракона ҳаллу фасл мекунанд. Дар силсилаи пурқуввати Неругоҳи Тўхтагул мо бинобар иқтидор дар мавриди ҳифз намудани ҳаҷми бузурги об, ки барои таъмин сохтани кишварҳоямон дар мавсими обёрӣ заруранд, имконияти дучанд хоҳем дошт. Ин гуна ҷараёнҳои қаробат давлатҳои моро мустаҳкам мекунанд.

Сафар ба масъалаҳои тақсимоти сарҳадии байни Қирғизистон ва Ўзбекистон нуқта гузошт. Ҳамаи мо кўшиши нируҳои беруниро, ки мехостанд дар байни халқҳоямон низоъ ангезанд, шартномаҳоро вайрон ва муоҳидаҳои тайёршударо халалдор намоянд, мушоҳида мекардем. Вале Садир Ҷапаров ва Шавкат Мирзиёев хирадмандӣ, сабру тоқат ва қатъият зоҳир намуданд, нагузоштанд, ки дар муносибатҳои байнидавлатӣ дарз равад. Маҷмўи бузурги шартномаҳои иқтисодӣ ва қарордодҳоеро, ки дар Бишкек ба имзо расиданд, мехостам махсус таъкид намоям. Изҳор шуд, ки мубодилаи мол дар байни мамлакатҳо то ба 2 миллиард доллар расонида мешавад.

Мо дар оғози рушд ва таҳкими муносибатҳои байни Қирғизистон ва Ўзбекистон қарор дорем, ки барои боло бурдани он саъю кўшиш карда мешавад. Мо ин тағйироти ҷиддиро муштаракона мушоҳида менамоем. Сохтмони корхонаи автомобилбарорӣ дар шимоли ҷумҳурии мо, кушодани фабрика оид ба коркарди пахта ва истеҳсоли нуриҳо дар минтақаҳои ҷанубӣ аз ин дарак медиҳанд. Сарони мамлакатҳо муваффақ шуданд, ки дар муҳлати кўтоҳ бинобар муносибатҳоямон ба пешрафти азим мушарраф гарданд.

Ба ин боз бояд он чизро илова кард, дар Бишкек аллакай идорае, ки лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ўзбекистонро бо баромадан ба бандари Халиҷи форс ва баъдан ба кишварҳои Аврупо пешбинӣ менамояд, ба кор сар кард.

Умуман мо ташаккулёбии бунёдеро, ки дар он муносибатҳои мустаҳками иттифоқӣ гузошта шуда, минтақаро ба пешрафти иқтисодӣ, аз ҳама муҳимаш, ба эътидол мерасонанд, мушоҳида мекунем.

**Сиёсатшиноси қирғиз Шерадил БАКТИГУЛОВ:**



– Пеш аз ҳама мехостам зикр намоям, ки аз замони Президенти Ўзбекистон интихоб шудани Шавкат Мирзиёев ин аллакай сафари дуюми давлатии ў ба Қирғизистон аст. Соли гузашта роҳбари давлати мо Садир Ҷапаров ба Тошканд ташриф фармуда буд. Солҳои дароз ин иқдом мушоҳида намешуд, он дараҷа ва мустаҳкамии қарордодҳоеро нишон медиҳад, ки солҳои охир ба миён омаданд.

Дар доираи сафари кунунӣ ба имзо расидани ҳуҷҷатҳои муҳим ва шартномаҳои ҷолиб нишон медиҳанд, ки дар оянда кори муштарак ва шарикии стратегӣ ҷиддан беҳтар хоҳад шуд. Таҳкими робитаҳо ва эътимод ҷиҳати муҳим аст, Садир Ҷапаров ва Шавкат Мирзиёев собит намуданд, ки некҳамсоягӣ ин сухани хушку холӣ нест, барои татбиқ сохтани лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ имкониятҳои бузург фароҳам оварда шудаанд.

Мулоқоти байни Бишкек ва Тошканд дар сатҳи баландтарин инкишоф меёбанд. Бинобар маҷмўи муоҳида ва қарордодҳои ба имзорасида сафари давлатии роҳбари Ўзбекистон ба Қирғизистонро бидуни муболиға, метавон ташрифи таърихӣ номид.

**АИ «Дунё».**

## ХАБАРҲО

### ИЛОВАИ МОБИЛӢ БАРОИ ЧИПТАХАРӢ

**_Навъе аз хидмати матбуоти Вазорати нақлиёт маълум намуданд, дар автовокзалҳои пойтахт баҳри ба тарзи электронӣ харид кардани чиптаҳо барои онҳое, ки дар автобусҳои байнишаҳрӣ сафар кардаанд, иловаи мобилии_**

“UzBus” ба кор андохта шуд.

Айни замон онҳое, ки бо автобус роҳсипаранд, бо кумаки иловаи мобилӣ ба корҳое, ки дар автовокзал анҷом дода мешаванд, аз наздик шинос шуданашон мумкин. Вақти реалии ҳаракатҳо, яъне режиме, ки барои автобусҳо муқаррар шудааст, низ дар иловаи мобилӣ сабт меёбад.

Алҳол дар хати “Бухоро–Самарқанд” барои ба тарзи электронӣ харид кардани чипта усули замонавӣ амалӣ шуда бошад, давра ба давра ба ҳамаи автобусҳое, ки ба пойтахт равуо доранд, имконияти истифода аз иловаи мобилӣ дар хариди чиптаҳо фароҳам хоҳад омад.

### ТАЪМИНИ СЎЗИШВОРИИ АВТОМОБИЛӢ БА МЕЪЁРИ МУҚАРРАРӢ БАРМЕГАРДАД

**_Маълум, ки бинобар сардии ғайримуқаррарӣ, ки дар Ўзбекистон ба мушоҳида расид, “заправка”-ҳои метанӣ муваққатан дари худро баста буданд._**

Аз 30 январ фаъолияти қисме аз истгоҳҳои компрессории газпуркунӣ ба автомобилҳо дигарбора барқарор гашт. Баъде дар рўзҳои наздик фишори газ ба меъёри муқаррарӣ афтод, интизор меравад тамоми шохобчаҳо аз рўйи режими пештара фаъолият баранд.

### КИТОБҲОИ БАДЕӢ ДАР МАҲАЛЛАҲО

**_Имрўзҳо бо мақсади тарғиби васеи китобхонӣ дар маҳаллаҳо корҳои ибратбахш ба амал баровarda мешаванд._**

Дар бинои ҳар як идораи маҳалла гўшаи китобҳои бадеӣ ташкил карда шудааст. Маҳаллаҳое низ зиёд, ки китобхонаи бой доранд.

Ба наздикӣ ба 27-то ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо воқеъ дар ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона аз ҷониби Бунёди ҷамоатии хайриявии “Маҳалла” адади зиёди адабиётҳо – маҷмўи китобҳои бадеӣ дастрас гардонида шуд. Акнун сокиноне, ки дар кулли маҳаллаҳои ноҳия истиқомат доранд, асарҳои дилхоҳашонро мутолиа карда метавонанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

*Дарси боғдорӣ*

# ШИРИНБИЯ – РАСТАНИИ БИСЁРСОЛА



**_Ширинбия – растании бисёрсола ба оилаи Fabaceae мансуб буда, қадаш 50-150 см аст. Қисми зеризаминии растанӣ ашёи хоми асосӣ буда, онҳо аз решаи асосӣ, решапояҳои бисёрқабатаи амудӣ ва уфуқӣ ва решаҳои иловагие, ки онҳоро дар хок нигоҳ медоранд, иборат аст. Решаи ширинбия ба чуқурии 8 метр ва одатан ба сатҳи оби зеризаминӣ мерасад._**

Пояҳои болои замин аз решаи асосӣ ва инчунин аз решапояҳои амудӣ ва уфуқӣ мерўянд ва ҳар як бутта бо роҳи паҳншавии растанӣ майдони якчанд 10 $м^2$-ро ишғол мекунад. Бо воситаи паҳншавии вегетативӣ барқарор ва васеъ кардани майдонҳои ширинбия яке аз усулҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Пояаш рост, баргҳояш мураккаби патмонанди тоқ, дарозиаш то 20 см, 3-10 ҷуфт, часпак, ҷилодор, зич, дарозрўй, тухмшакл мебошад. Дарозии гулҳо 5-12 см, дарозии гулбандҳояш 3-7 см аст. Гулаш аз баргҳои 8-12 миллиметрии сафеду бунафш ва аз косабаргҳои тездандон иборат аст. Меваaш дарозрўй, дарозиаш 3,5 см, рост ё каме каҷ, 1-8 тухмнок ва ҳамвор аст. Моҳҳои май ва июн шукуфта, моҳҳои август-сентябр мева медиҳад. Дар тиб решаи ширинбияро барои тайёр кардани доруҳои глитсирам, ликвиритон ва флакарбин истифода мебаранд.

Ширинбия асосан дар соҳили дарёҳои сероб, минтақаҳои адирнок ва нимхушкҳои Осиёи Миёна паҳн шудааст. Хусусияти фарққунандаи майдони кишт дар наздикии обҳои зеризаминӣ баҳору тобистон зери об мондани он мебошад. Он, инчунин, дар маҷрои дарёҳои кўҳнаю камоб, ҷўю заҳбурҳо, дар ҳамвориҳои байни дарё ва дар нишебии кўҳҳо месабзад, ки одатан пастиву чуқуриҳои хурдро ишғол мекунад. Чун алафи бегона аксар вақт дар заминҳои корам ва бекорхобида мерўяд. Дар кўҳҳо то 2000 метр аз сатҳи баҳр вомехўрад ва решааш ба обҳои зеризаминӣ мерасад.

Ҷамъоварии реша ва решапояи ширинбия вобаста ба шароити обу ҳаво аз моҳи март то ноябр сурат мегирад. Ҷамъоварии саноатии решаи ширинбия бо роҳи шудгор кардани замин бо трактор механиконида мешавад. Дар баъзе мавридҳо решаро бо бел кофта мегиранд. 50-75 фоизи ашёи хоми захира бояд ҷамъ карда, барои барқарор намудани ширинбиязор 25-50 фоиз решапояро нигоҳ доштан лозим аст, зеро растанӣ ба таври вегетатив такрор мешавад. Аз худи ҳамон майдон такроран ҷамъоварии ширинбияро баъди 6-8 сол гузаронидан лозим аст, ки дар ин муддат майдони нашъунамои зичи растанӣ барқарор мешавад. Баъди бо техника ҷамъоварӣ намудани ашёи хом ба таври илова агротехникаи майдонҳои холишуда зарур аст. Ба вуҷуд овардани базаи ашёи хоми растании ширинбия бо ду роҳ сурат мегирад:

1) парвариши буттазорҳои табии ширинбия (буридани дарахту бутта, холӣ намудан аз растаниҳои хўшадори калон ва ба ҷойи он шинондани ширинбия) ва бо ин роҳ баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо.

2) васеъ кардани киштзорҳои саноатӣ. Реша ва решапояи ширинбияро ҷамъоварӣ намуда, барои хушконидан дар ҳавои кушод паҳн мекунанд. Дар минтақаҳое, ки обу ҳавои номусоид ва имкони дар офтоб хушк кардан нест, онро дар зери айвон, ки гардиши ҳавои хуб доранд ё дар ҳарорати на бештар аз $60^0C$ бо хушккунакҳо хушк мекунанд. Решаи хушкшударо барои коркарди минбаъда ба завод мефиристанд Аз ҷиҳати намуди зоҳирӣ ва хосиятҳои кимёвӣ решаи ширинбия бояд ба талаботи стандарти давлатӣ ҷавобгў бошад. Хусусиятҳои кимёвии он нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегиранд: намӣ на бештар аз 14 фоиз, хокистар 85 фоиз, моддаҳои истихроҷ на камтар аз 25 фоиз, кислотаи глитсиризин 6 фоиз.

Дар реша ва пояи ширинбия то 23 фоиз сапонин-глитсиризини таъми ширин дошта, (намакҳои калсий ва калийи кислотаи гликиризӣ) ва то 4 фоиз флавоноидҳо (ликвиритин, ликвиритозид, изоликвиритин ва ғ.), глабрид, кислотаи глитсирит, стероид, равғани эфир, аспаргин, кислотаи аскорбин, пигмент, камед ва ғайра мавҷуданд.

Ҳоло дар тиб асосан беху решапояи ширинбияро истифода мебаранд. Онро давои пешоброн ва исҳоловар меҳисобанд. Қиёми решаи ширинбия барои бемориҳои шуш бо сулфа ҳамчун воситаи балғамовар, ба гастрит ва захми меъдаву рўдаи дувоздаҳангушта даво мебахшад.

Ғайр аз ин, шаклҳои галени решаи ширинбияро дар бемории адиссон, гипофунксияи ғадудхои гурда истифода мебаранд. Онро дар сили пўст, дерматитҳои аллергӣ ва пемфигуси одӣ истифода мебаранд. Хокаи реша дар дорусозӣ барои хуштаъм ва хушбўй кардани дору истифода бурда мешавад. Аз решаи ширинбия доруҳои гликирами кислотаи гликирризӣ (барои табобати астмаҳои бронхиал, дерматитҳои аллергӣ, экзема ва дигар бемориҳо), ликвиритони флавоноид ва флакарбин (барои табобати захми меъда ва рўдаи дувоздаҳангушта) гирифта мешаванд

**Зайниддин ФАЙЗУЛЛОЕВ,**
**сармутахассиси Шўрои хоҷагиҳои фермерӣ, деҳқонӣ ва замини наздиҳавлигии Ўзбекистон.**

# «...АЗ МУАЛЛИМОНИ МАКТАБ ЯГОН ФИКРИ СОЛИМ НАМЕГИРЕД...»

Давлат рушд мекунад, ҷамъият пеш меравад. Ислоҳоти ояндасоз пайгирона амалӣ мегарданд. Бахусус, тӯли солҳои охир ислоҳоти соҳаи таълим назаррасанд, вале мо...

Хостам андешаҳоямро перомуни китоби дарсии “Саводомӯзии забони модарӣ ва хониш” (Муаллифон: Таваккал Чориев, Ҷумъаназар Эшонқулов, муҳаррир: Илҳом Эшонзодаи Насафӣ, синфи 3, қисми 2, Тошканд – 2022) иброз намоям.

Рости гап, сари ин масъала бисёр андеша намудам. Нависам ё нанависам? Ҳар боре, ки ба мақсади аёдати волидон ва хешу табор ба зодгоҳ – деҳаи дурдасти ноҳияи Нурато меравам, омӯзгорон маънидорона саволборонам мекунанд. Масъала якто – нуқсонҳои китобҳои дарсӣ. Шояд онҳо фикр мекунанд, ки камина то ҳол бо нашри китобҳои дарсӣ сарукор дорам. Аз вилоятҳои Сурхондарёву Қашқадарё, Навоиву Ҷиззах, Тошканду Сирдарё низ занг зада, доир ба тарҷума ва таҳияву таҳрири китобҳои дарсӣ фикр баён мекунанд.

Ба қарибӣ аз ноҳияи Чиноз муаллимони синфҳои ибтидоӣ занг зада, аз нобасомонии китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ изҳори норозигӣ намуданд. Боре ба яке аз муаллифон Ҷумъаназар Эшонқулов тавассути телеграм дар ин хусус паёмак фиристода, матлабро фаҳмондам, ки ҳоло чун нутқи айнаннақлшуда онро ин ҷо меорам: “ ... ҷиҳати таҳрир аз назари ягон омӯзгори мактаб мегузарондем, дилпуртар мешуд”. (гап дар бораи китоби дарсии “Адабиёт”-и синфи 7 мерафт). Дар ҷавоб чунин паёмак омад ва онро низ айнан ба ҳукми хонандагон ҳавола менамоем: “ ...Аз муаллимони мактаб ягон фикри солим намегиред ва дақиқан ҳам фикри судбахш дода наметавонанд. Беҳтараш аз пайи кори худ шавем...” Ва дере нагузашта аз нафари дигар – Илҳом Эшонзода паёмаки дуюм расид, ки айнан меорам:

*“Сухан кам гуфтану андеша кардан,*
*Беҳ аз бисёргӯӣ пеша кардан”.*

Ба навиштан азм карданам ба он хотир аст, ки хонандаи мактабӣ Фазлиддин Адилҷонов (мактаби рақами 47, ноҳияи Чиноз) ба муаллим савол медиҳад, ки ба ҷойи нуқта кадом садонокро гузорад? Нигаред, дар саҳифаи 118-уми китоби мавриди назар оварда шудааст: «Садонокҳои мувофиқ гузошта, калимаҳо тартиб диҳед».

| | | |
|---|---|---|
| ·асп | ·нор | ·нгур |
| ·олу | ·ҳу | ·мар |
| ·бод | ·сма | ·дина |

Дар ҳақиқат, фикри талабаи мактабӣ ҷон дорад. Чунки дар калимаҳои якуму дуюми ҷадвал садоноки мувофиқ гузоштан имкон надорад.

Ҳазор офарин, ба муаллимоне, ки то имрӯз аз саҳву хатоҳои бешумори китоби дарсӣ сарфи назар карда, дар мактабҳо садоқатмандона дарс мегузаранд. Дар саҳифаи 9-уми китоб дар супориши «Ҳарфҷадвал» оварда шудааст: «Дар катакҳои холӣ бо гузоштани садонокҳои у, ӯ, о, а номи гулҳо, паррандаи хушхон, ҷашн ва моҳи фаророрасии фасли баҳорро тартиб диҳед».

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | У | Л | Б | У | Л |
| | | С | | Д | Б | А | Р | Г |
| | | | | А | М | А | Л | |
| | | Л | | Л | А | | | |
| Н | А | В | | Ӯ | З | | | |

Ҳоло бигӯед, дар калимаҳои *.улбул, .амал, нав.ӯз* кадом садонокҳоро гузоранд? Дар аввали китоб номи ҳафт нафар муқарризон — омӯзгорони мактабҳо нишон дода шудааст.

Дар саҳифаи 15 доир ба мавзӯъ тестҳо тартиб дода шудаанд. Ин кори хуб аст, зеро барои қавигардонии хотираи талабагон мусоидат мекунад? Дар он ба имлои нав риоя карда, пас аз ҳарфи «г» ҳарфи «ғ»-ро ҳамчун варианти ҷавоб гузоштаанд. Вале ин кашшофон дар қаринаи «ғ»-и он фасли ҳамалро кашф намудаанд. Ба диққататон мерасонам, ки ҳамал аслан калимаи арабӣ буда дар фарҳанг: 1. Барра, бачаи гӯсфанд. 2. Яке аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ, ки ба моҳи аввали шамсӣ ( 21 март – 20 апрел) рост меояд. 3. Моҳи якуми шамсӣ... ҳамчунин номи яке аз бурҷҳост. Муаллифон ин гуна фаслро барои донишомӯзони синфи 3 аз куҷо кашф кардаанд? Гузашта аз ин, чаро тестҳои китоби дарсӣ дар баъзе саҳифаҳо се варианти ҷавоб, дар дигар саҳифаҳо бошад, панҷ варианти ҷавоб доранд (дар саҳ. 36 бо се вариант оварда шудаанд).

Поёнтар, дар саҳифаи 20-уми китоб дар «Ҳарфҷадвал» боз хатои болоиро аз сари нав такрор карда, ҳам муаллим ва ҳам талабаро ба иштибоҳ андохтаанд. Канӣ, худашон гӯянд, дар ҷойи катаки холӣ кадом садонокро гузоранд, номи аъзои оила ҳосил мешавад: *.омо, па.ар, хоҳа.* (ҷойи катакҳо бо сенуқта нишон дода шудааст – **Ҳ.С**). Дар худи ҳамин ҷо ёдовар мешавем, ҳамаи супоришҳои дар зери «Ҳарфҷадвал» омада аз сари китоб то охир нуқсонҳо доранд. Дар баъзе саҳифаҳо даст задани олимони корчаллонро дида, ангушти ҳайрат мегазед. Ба саҳифаи 33 назар меафканем, ки сурати нӯҳ ашё оварда шуда, дар болотараш чунин навиштаанд: *«Ҳафт хӯроки наврӯзии бо ҳарфи “син”, яъне “с” оғозёбанда»*. Охир худ қазоват кунед, донишомӯзи синфи сеюм *анору тухму ширу ҷурғотро* маҷбуран бо ҳарфи *с* хонда наметавонад. Ман доир ба саҳву хатоҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ ҳарф намезанам, зеро теъдоди онҳо кам нест. Дар саҳифаи 44-уми китоб оварда шудааст: «Бойчечакбозӣ» аз чанд калима сохта шудааст?» Ба хонандаи синфи сеюм агар калимаи «бойчечакбозӣ» аз чанд реша иборат аст, мегуфтед, аз ҷиҳати методӣ дурусттар мешуд.

Ба меъёрҳои имлоиву ишоратӣ риоя накарда, ба ҷойи аломати сенуқта як нуқта гузоштаанд, қоидаи маъмулии забон вайрон шудааст. Дар саҳифаи 50-ум доир ба супориши «Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед» чунин ҷавобро ҷой додаанд: (Ҷавоб: Ха.б.з ва ҳ.р.и А)

Бо ин ҷумлае, ки бо зевари фикр ороста шудааст, чӣ гуфтан мехоҳед: «Бозёфти давоми афсонаи “Нахӯдак” ва хониши он» (?) (саҳифаи 56). Охир бозёфт дар луғат: «1. Чизи тоза ба даст даромада, нав ёфтшуда, кашфиёт; 2. Фоида, нафъ; чизи бемеҳнат бадастомада; 3. Гардонда гирифтан» шарҳ дода шудааст. Муаллифон онро ба кадом маънӣ дар ин саҳифа ҷой додаанд, ба худашон маълум асту бас.

Камина барои хондани давоми китоб ҳавсала накардам. Муаллимони бечора дарди худро пеши кӣ баранд ва шогирдони бегуноҳи мо чӣ кор кунанд?

Ҳоло ҳам вақт аст, аз пайи ислоҳ бояд шуд.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**устоди ДДОЧ.**



*Дар натиҷаи мувофиқи талаби замон кор кардан дар кулли самтҳои хидматрасонии гумрук имкониятҳои сарфакорӣ меафзоянд. Посгоҳи «Декларатсиякунонии электронии фосилавӣ»-е, ки аз моҳи апрели соли 2022 дар бинои маъмурии идораи гумруки вилояти Самарқанд фаъолияти худро ба роҳ монда буд, самараи он имкониятҳо мебошад.*

***Дар сурат:*** *дар посгоҳи «Декларатсиякунонии электронии фосилавӣ»-и гумруки вилояти Самарқанд.*

***Аксбардор: А.ИСРОИЛОВ (ӮзА).***

# ҶАМЪОМАДИ ШӮРОИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

***Ин шӯро соле пеш дар назди Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон ба фаъолият шурӯъ карда буд. Дар раёсати он адибон Хусрави Саъдуллоҳ, Паймон, Абдулло Субҳон, Муҳаммадҷон Шодӣ, Асадулло Шукуров ва адабиётшинос Олимҷон Давлатов шомиланд.***

Дар маҷлиси он намояндагони Иттиҳодияи нависандагон ва як гурӯҳ шоирону нависандагон ширкат варзиданд. Роҳбари шуъбаи робитаҳои адабии байналмилалии адабӣ ва тарҷумаи бадеии Иттиҳодияи нависандагон Рустам Мусурмон зимни суханронӣ таъсиси ин шӯроро як ҳодисаи муҳими фарҳангӣ эълом дошт. Аъзои он дар баробари таъмнии рушди адабиёти тоҷик дар кишвар, ҳамзамон ҷиҳати мустаҳкам намудани робитаҳои адабиву фарҳангии миёни Ӯзбекистону Тоҷикистон низ саҳми бузург хоҳанд гузошт, – гуфт Р.Мусурмон, – ба шарофати беҳбуди робитаҳои фарҳангиву адабии миёни ду кишвар, ки аз иродаи сиёсии ду абармард – Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон маншаъ гирифтааст, минбаъд низ ин ҳамкориҳо беш аз пеш тавсеа хоҳанд ёфт.

Гуфта шуд, ки чанд нафар адибони тоҷик ба узвияти иттифоқҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон пазируфта шуданд ва чанде аз онҳо ба гирифтани мукофотҳои давлатии ду кишвар низ мушарраф шудаанд.

Рустам Мусурмон дар пайи суханронӣ аз он ёдовар шуд, ки аз ҷумла узви Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон, шоир ва тарҷумон Одил Икром сазовори ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ гардид.

– Одил Икром «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхии Румӣ, инчунин антологияи «Шеъри муосири тоҷик» ва осори як идда намояндагони бузурги адабиёти форсу тоҷикро ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст,– қайд намуд Р.Мусурмон.

Раиси Шӯрои адабиёти тоҷики Иттиҳодияи нависандагон Хусрави Саъдуллоҳ изҳор намуд, ки солҳои охир чопу интишори як қатор маҷмӯаҳои дастаҷамъиву китобҳои алоҳидаи насриву назмӣ, ки ба қалами адибони тоҷики муқими Ӯзбекистон тааллуқ доранд, аз таваҷҷуҳи ҳукумат нисбати адабиёти форсии тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

– Боиси ифтихор аст, ки дар Самарқанд шуъбаи вилоятии Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон таъсис ёфтааст, ки аллакай фаъолияти густурда дорад. Гузашта аз ин, арзи вуҷуд намудани маҷаллаи адабии “Дурдонаҳои Шарқ” ва дар саҳифаҳои он интишор гардидани осори адибони тоҷик, инчунин табъу нашри осори як зумра адибони Тоҷикистон ва ҷаҳон низ ҳодисаи хушоянд мебошад,– афзуд Хусрави Саъдуллоҳ.

– Пеш аз ҳама, Шӯрои адабиёти тоҷик барои ба тартиб даровардани масъалаҳои табъу нашр хеле мусоидат хоҳад кард. Пешниҳод мекунам, ки минбаъд ҳар як китоби муҳтавояш адабӣ-бадеӣ бо тавсияи Шӯрои адабиёти тоҷик интишор ёбад. Дар он сурат нашри маводи аз нигоҳи мазмун ва мундариҷа паст ҷилавгирӣ хоҳад шуд, – гуфт узви шӯро Муҳаммадҷони Шодӣ.

Гуфта шуд, ки бояд марказҳои миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ ва шаҳру вилоятҳо бо Шӯрои адабиёти тоҷикии Иттиҳодияи нависандагон аз наздик ҳамкорӣ намоянд ва ҷиҳати ба роҳ мондани мулоқотҳои адибон дар минтақаҳои мухталиф, роҳандозии мушоира ва кашфи адибони ҷавон саҳм гиранд.

Қарор шуд, ки Шӯрои адабиёти тоҷик моҳе як маротиба ҷамъомади аъзои худро баргузор мекунад ва дар он масъалаҳои мубрами марбут ба адабиёти тоҷики ҷумҳурӣ баррасӣ мегарданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

*Инсон ва табиат*

# УМЕД ҲАСТ...

***Ин гуна ҳавои сард, ки аз ҳафтаи дуюми моҳи январи соли равон оғоз ёфт ва то имрӯз ҳукмрони вақт аст, тайи 40-50 соли охир мушоҳида нашуда буд. Он бештар ба боғбону деҳқонҳо ташвиш овард.***

Бояд гуфт, ки Самарқанд аз азал бо боғпарпарӣ ва токдорӣ машҳур аст.

Боғи баланд, Боғи дилкушо, Боғи тилло, Боғи майдон, Боғи зоғон, Боғи Фирӯза ва ғайра далели ин гуфтаҳои мо мебошанд. Дар замони ҳукмронии Соҳибқирон баробари рушду равнақи меъморӣ, илму дониш, санъати тасвирӣ, кишоварзӣ низ ривоҷ ёфтааст. Мувофиқи фармони Амир Темур дар Самарқанд 14 боғи таърихӣ бунёд шудаанд, ки дар ҳудуди ҳар кадоми онҳо вобаста ба иқлимашон дарахтони гуногун месабзиданд.

Аз ҷумла, дар мавзеи Боғи баланд анҷир парвариш карда мешуд.

Олими самарқандии 85-сола, узви Иттифоқи нависандагон, дилдодаи табиат Талъатбобо Абдуллоев китоби шавқангезу ҷолиби «Анҷири Самарқанд»-ро навишт, ки дар бораи парвариш ва хусусиятҳои фоидаоварӣ ин мева нақл мекунад.

Мо бо ин боғбони соҳибтаҷриба дар бораи ҳифзи дарахтони мевадор аз сармо суҳбат кардем.

**– Талъатбобо, агар хотираам фиреб надиҳад, зимистони солҳои 1969 ва 2008 чунин сард омада, бинобар бепарвоӣ ва лоқайдии баъзе танбалон дарахтони бисёрсолаи анҷир, анор ва хурмо, инчунин токро сармо зада буд... Боғбонҳои соҳибтаҷриба, дурандешу пухтакор дар фасли тирамоҳ анҷир ва токро ба хошок печонда гӯр мекунанд.**

–Боз як усули кам кардани таъсири хунукӣ ин дар боғҳо дуд кардани шоху барг, таппак, коҳ ва ғайра мебошад, – мегӯяд боғбон. Дарахтони себ, гелос, шафтолу, чормағз низ ба сармои сахт тобовар нестанд. Ба боғбонони ҷавон, фермерҳои навкор тавсияи ман ҳамин, ки дар фасли зимистон боғи дарахтони меваро яхоб диҳанд. Ин усул хеле фоидабахш аст. Аммо дар иҷрои ин амал бояд ҳарорати об аз ҳарорати ҳаво баландтар бошад.

**— Талъатбобо, оё аз ҳозир ба дарахтони мева осеб расонидани ҳавои хунукро донистан имкон дорад?**

– Афсӯс, ки не, – бо табассум мегӯяд мусоҳиби мо. – Ин чиз баъди расидани фасли баҳор маълум мешавад. Ҳаво гарму офтобӣ шуда рустаниҳо, ки нашъу намо карданд, маълум хоҳад шуд, ки кадом дарахтро хунук задааст.

Воқеан дар баҳор ҳам хавфи ҳавои сарду сербориш ҳаст. Мақоли: «Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампира дар қуттӣ кунад»-ро фаромӯш накунед. Ноумед шайтон.

**– Барои суҳбати дилнишину муфид ташаккур!**

– Саломат бошед!

**З. ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

***Барои мардуми мо фарзанд неъмати бебаҳост. Одам баҳри хуб ба камол расидани нури дидагон тамоми ҳастии хешро мебахшад. Калон мекунад, мехӯронад, мепӯшонад, ба мактаб мефиристад, олами маънавии ӯро бой мегардонад.***

# ЭЪТИБОР БА БАЧАҲОИ БЕПАРАСТОР

Бо вуҷуди ин, тавре ки мегӯянд «панҷ панҷа баробар нест», дар ҷомеа як тоифа одамоне ёфт мешаванд, ки ин инъоми Худовандро парасторӣ намекунанд, нисбат ба фарзанд носипосӣ менамоянд.

Фарзанди азизи хешро ба хонаи меҳрубонӣ месупоранд.

Дар ҷумҳурии мо барои бачаҳои ятиму бепарастор хонаҳои меҳрубонӣ зиёданд ва дар онҳо ҳамаи шароити хуб муҳайёст. Аммо он кифоят намекунад, ба ин тоифа бачаҳо танҳо меҳри падару модар намерасад.

Дар вилояти Ҷиззах даҳ Хонаи меҳрубонӣ вуҷуд дорад, ки аз ин панҷтояш дар ноҳияи Шароф Рашидов ва панҷтои дигараш дар шаҳри Ҷиззах воқеъ аст.

Ба наздикӣ дар ҳокимияти вилоят дар мавзӯи «Натиҷаи корҳои ба амал баровардаи комиссияи ҳудудӣ оид ба масъалаҳои бачагон дар давоми соли 2022» конфронси матбуот доир гардид. Дар он мудири котибият оид ба масъалаҳои ҳифз намудани бачаҳо дар ҳокимияти вилоят Наргиза Мавлонова доир ба ҳамин мавзӯъ чанд ҳарф зад. Назар ба таъкиди ӯ, комиссияҳои дар шаҳру ноҳияҳо созмон додашуда 371 корро баррасӣ намуданд.

116 нафар падару модарон барои аз madди назару парасторӣ худ дур мондани фарзандонашон ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Тибқи реҷаи дақиқи комиссияҳо оид ба омӯхтани шароити зист, мушкили бачаҳое, ки ба васигӣ гирифта шудаанд, корҳои ҳадафнок гузаронида шуданд.

– Алҳол дар вилояти Ҷиззах беш аз 540 ҳазор нафар бачаҳои ноболиғ ҳастанд. Аз ин 2430 нафар бачаҳои ятиму бепарастор мебошанд.

Баъди хатми мактаб баҳри таҳсилро идома додани ин бачаҳо тавассути платформаи mu.maktab.uz «Онлайн навбат» ҷорӣ карда шуд. Соли сипаришуда 47 нафар аз ин тоифа бачаҳо ҳуҷҷат супорида, 14 нафарашон ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ҷиззах, 9 нафари дигар ба Донишкадаи политехникӣ дохил шуданд.

Соли 2022 дар чаҳорчӯби низоми «Дафтари меҳр» бо сарпастии Қӯмондонии Гвардияи миллӣ платформаи фосилавии Mehrdaftari.uz низ ба амал ҷорӣ гардид. Ва аз рӯйи ҳисобу китоби идораҳои андоз ба ҳисобсурати фонди мазкур се миллиарду 840 миллион сӯм маблағ ворид гардидааст. Аз ин миқдор маблағ порсол 2 миллиарду 865 миллион сӯмаш барои ҳал намудани мушкилоти марбут ба ҳаёти бачаҳои бепарастор харҷ гардид. Ба ғайр аз ин, 23 нафар бачаҳо соҳиби хонаву ҷой шуданд. Аз тарафи Вазорати молияи ҷумҳурӣ ба ин хонаҳо ба миқдори 2 миллиарду 986 миллион сӯм маблағ харҷ карда шуд, – иброз намуд Наргиза Мавланова.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ЗИ ҲУШАНГ МОНД ИН САДА ЁДГОР...

## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ҶАШНИ САДА



***«Сада» – номи ҷашни бузурги ориёиҳо ва пайвандони ин шаҷара, хусусан, эронитаборҳо, аз ҷумла худи мо – тоҷикон мебошад, ки бинобар иттилоот ва баъзе кутуби таърихӣ, илмӣ ва бадеӣ-таърихӣ, қариб то охирҳои асри XII милодӣ гузаштагонамон таҷлил мекардаанд.***

Дар бораи таърих, чигунагии одоби таҷлил ва асосгузорони ҷашн ба тарзи мухталиф бошад ҳам, дар замони имрӯза метавон дар асоси адабиёт фикр баён кард. Аз онҳо дар бораи таърихи пайдоишу асосгузор ва маънои «Сада» ва чаро чунин ном доштану манзур аз бузургдошти он назди гузаштагон чӣ будааст, маълумоти басо ҷолиброро дарёфт кардан метавон.

Нахуст ҳаминро бояд гӯем, номи ин ҷашн, ид ё бузургдошт, ки гузаштагон «Сада» гуфтаанд, чӣ маънои луғавӣ дорад? Мувофиқи нигоштаи Муҳаммад Ғиёсиддин: «Сада» дар форсӣ номи ҷашне аз ҷашнҳои муғон, ки ба рӯзи даҳуми моҳи Баҳман бошад... Ва дар «Сироҷ» навишта, ки Сада, (бо фатҳатайн) даҳуми рӯзи баҳман; чун дар ин рӯз адади фарзандони Одам, ки Каюмарси борат аз он аст, ба адади сад расида, лиҳозо рӯзи ҷашн муқаррар шуда; ва лафзи «сад» дар асл бо сини муҳмала аст, ки ҳоло бо сод машҳур шуда».

Дар луғати «Деҳхудо» бошад, чунин омада: «Сада. Аз сад+а, бадал аз фатҳаи охир (пасванди нисбат). Луғати мансуб ба шумораи сад...» дар ҳамин фарҳанг ин хабар ҷолиб менамояд, ки «ишора ба гузаштани сад рӯз аз оғози зимистон...» омадааст (зеро эрониён як солро ба ду бахш мекарданд – тобистон ҳафт моҳ ва зимистон панҷ моҳ).

Чунон ки дидем, дар ин фарҳангҳо маънои вожаи «сада»-ро бо шумораи сад (100) мансуб донистаанд. Аксари китобҳои таърихӣ ва илмӣ ҳам дар мавриди ин ҷашн шумораи садро зикр кардаанд. Масалан, аз «Ат-тафҳим»-и Берунӣ мехонем: «Сада чист? Обон рӯз аст аз баҳманмоҳ. Ва он даҳум рӯз бувад. Ва андар шабаш, ки миёни рӯзи даҳум аст ва миёни рӯзи ёздаҳум. Оташҳо зананд ва гавзу бодом истеъмол намоянд ва гирд ба гирди он шароб хӯранд...Ва аммо сабаби номаш чунон аст, ки аз ӯ то Наврӯз панҷоҳ рӯз аст ва панҷоҳ шаб...»

Дар «Осор-ул-боқия» маълумоти нисбатан васеътари таърихӣ оварда шудааст ва мазмунан ин, ки аз таърихи Измоил (Армаил)-и ошпази даргоҳи Заҳҳок ва хидматҳои Измоил, ки ҷони чандин нафарро халос намуда, ба кӯҳи Дамованд мефиристад, ки то рӯзи муносиб он ҷо бошанд. Ниҳоят пас аз футӯҳоти Фаридун ин ҳама мардум ба хидматҳои Измоил гувоҳӣ дода ва барои нишон додани худ аз кӯҳи Дамованд оташ меафрӯзанд, то Фаридун онҳоро дида, Измоилро ҷузви наздикони худ мекунад.

Умари Хайём дар «Наврӯзнома» маълумоте овардааст, ки бо зикри Берунӣ мувофиқ аст: «Ҳамон рӯзе, ки Заҳҳокро баргирифта ва мулк бар вай (манзур Фаридун – **Х.М.**) рост гашт, ҷашни Сада бинҳод...».

Маълумоти Абусаъид Абдулҳайи Гардезӣ ҳам ҷолиб буда, ин идро дар боби «Андар идҳо ва расмҳои муғон ба ҷадвал» зикр кардааст. Ба ақидаи ин таърихнигор: «Чунин гӯянд муғон, ки андар ин рӯз сад мардум тамом шуда буд аз насли Мешӣ ва Мешона ва эшон ду мардуми нахустин буванд, чунонки мусалмонон гӯянд Одам ва Ҳаво, муғонро ин ду тан буданд...». Пас аз зикри ин ҷумла, оид ба панҷоҳ рӯз ва панҷоҳ шаб мондан то ба Наврӯзро зикр карда, сабаби дар ин шаб оташ афрӯхтанро ҳамоно ба ғалабаи Фаридун ва натиҷаи хидмати Армойил, ки «сад мардум»-ро аз куштан ба хотири туъмаи морони Заҳҳок озод карда буд, овардааст: «Ва Армойил бифармуд, то он мардумони мутанаккир ҳар касе оташе ҷудогона бияфрӯхтанд. Пас сад оташ бияфрӯхтанд, чунонки ҳамаро Фаридун бидид».

Дар «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ оид ба ин ҷашн боби алоҳида бо номи «Бунёд ниҳодани ҷашни Сада» ҳаст. Фирдавсӣ таърихи ин ҷашнро ба рӯзи ҳосилу кашфи оташ, ки дар натиҷаи сангеро партоб кардани Ҳушанг ба сӯйи мори сиёҳ, ки падидор шуд ва мардум тарзи коркарди оташро омӯхтанд, пас ин ҳосилро бузург доштанду ҷашн гирифтанд, вобаста мебошад:

*Зи Ҳушанг монд ин*
*Сада ёдгор,*
*Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.*

Аммо баъзе аз пажӯҳишгарон ин идро тамоман ба оташ ва пайдоиши он ё рақами сад вобаста намедонанд ва оташро танҳо ба сифату рамзи сузонандаи бадӣ ва торикӣ медонанд, ки нишони қувваҳои Аҳриман аст ва ба ҳамин хотир дар рӯзи ҷашни Сада оташ меафрӯзанд.

Дар ин мавзӯъ авестошинос ва устурашиноси номдор Меҳрдоди Баҳор, дар пажӯҳишҳои «Ҷусторе чанд дар фарҳанги Эрон» ва «Аз устура то таърих» андешаҳои хуби мантиқӣ баён карда, ҳатто вожаи «Сада»-ро, ки аксари гузаштагон ба маънои шумора фаҳмида ва дар ҳамин асос ибрози андеша намудаанд, инкор кардааст, ки хулосаи онро меорем: «Тавҷеҳи он бо адади «сад» иштиқоқи омиёна аст, чунон ки панҷоҳ рӯз ва панҷоҳ шаб монда ба Наврӯзро сада фарз кардаанд. Ба гумони ман Сада аз решаи санд (sand)-и авестоӣ аст ба маънии «зоҳир шудан».

Муҳаққиқ Ризо Муродии Ғиёсободӣ ҳам назарияи Берунӣ дар бораи иртиботи вожаи «сада» ба адади садро рад кардааст, ки зикри он ин ҷо муҷиби тадвил аст.

Хулоса, дар бораи ин ҷашни бостонӣ маълумот бисёр аст, баъзе бо ҳам мухолиф буда, ҳамоно барои дарёфти асли ин вожа ва ҳақиқати таърихи ҷашн хонандаро ба худ ҷалб менамояд ва намешавад, ки дар бораи ин ид ҳукми охирро гӯем ва ба мавзӯъ хотима бахшем. Инак, айни ҳол ба ин натиҷа расидем, ки яке аз сабабҳои асосии ҷашни Сада ҳамоно «пурра ошкор шудан», «намудор шудан»-и Хуршед (Офтоб) мебошад, ки тамоми пешрафти зиндагӣ, шукуфоӣ, ризқу рӯзӣ, чорводорӣ ва кишту кори одамон марбути ҳамин гармии Хуршед буд ва ҳаст. Чунон ки Наврӯз, пеш аз ҳама оғози соли нави гоҳшумории аҷдодро ифода мекарду мекунад, Меҳргон ва Сада ҳам чунинанд, ки барои дуруст ба роҳ мондани корҳо, хусусан, кишту кор ва нигоҳубини чорво ҳамзамон сириштаву тайёр кардан ва то баҳорон расонидани озуқаи худӣ ва ҳайвонҳои хонагӣ ва орзуи расидан ба рӯзҳои гарму офтобӣ аз чунин ҷашнҳо истифода мебурданд ва ё тақвими худро мувофиқи ҳамин санаду идҳо ба роҳ монда будаанд. Гузаштагони мо мувофиқи фаҳмиши худ солро ба се ҷашни бузург тақсим кардаанд, ки мақсад аз онҳо на фақат хурсандӣ, балки пешбинии корҳои навин, донистани айёму вақт ва фасли сол будааст. Меҳргон дар баробари иди ҳосил боз охири сол ва пас аз чанд рӯзи он гӯё марги хуршед буд. Сада – иди Хуршеди чилрӯзаест, ки дар шаби Ялдо тавлид шуда, нишону умед бар наздик мондани Соли нав – Наврӯз ва айёми кишту кори баҳорӣ мебошад.

**Холмурод МУРТАЗОЕВ,**
**доктори фалсафа оид ба илмҳои филология.**

